# ПРОТОКОЛИ №128- ИҲ

чаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

аз 28 апрели соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

**Раиси шуро:** Сафаров Ш.А.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар ҳайати шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.09.2024, №321/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред?

Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

Пешниҳод якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Раҳимзода Х.. ва аъзои комиссия Муҳиддинзода Б. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи

умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- Мирзоев Азиз Раҷабович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Институти технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;
- Каримзода Шавкат Карим – номзади илмҳои педагогӣ, директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таъйин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимояи диссертатсия 08 июли соли 2026, соати 13:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

**Қарор якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ Сафаров Ш.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ Муҳиддинзода Б.

*"Имзои Сафаров Ш.А. ва Б. Муҳиддинзодаро тасдиқ мекунам"*

Нозири кадр ва коргузории АТТ М. Саидова